**Хулосаи**
**Комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-038 ба диссертатсияи номзадии Абдуғафури Сафар дар мавзуи “Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 - Ботаника**

Комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-038 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар ҳайати зерин: раис – доктори илмҳои биологӣ, Бобоев М.Т. ва аъзоёни комиссия - доктори илмҳои биологӣ, Евдокимова Г.Н., номзади илмҳои биологӣ, Мадаминов А.А., ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-038 мувофиқи талаботи фасли 4-уми Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 июни соли 2021, таҳти №267) тасдиқ гардидааст, ташкил карда шуд.

Комиссия дар асоси шинос шудан бо рисолаи номзадии Абдуғафури Сафар дар мавзуи “Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника ва муҳокимаи он чунин хулоса қабул намуд:

Мавзуи рисолаи номзадии Абдуғафури Сафар актуалӣ мебошад, ки дар он якумин маротиба хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои оилаи лабгулҳои -Lamiaceae Mart. қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. То ҳол оид ба ин мавзуъ таҳқиқоти илмӣ, ба пуррагӣ гузаронида нашудааст.

Рисола дар ҳаҷми 178 саҳифа таҳия шуда, аз муқаддима, 5 боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда, 47 расм, 7 ҷадвал, 2 диаграмма, 4 харита ва замимаҳо иборат аст. Дар рисола 146 адабиёт истифода шудаанд, ки 10 адади онҳо ба забони хориҷӣ мебошанд.

**Мақсади кори илмӣ.** Мақсади таҳқиқот арзёбии гуногунии биологии таркиби оилаи лабгулҳо - Lamiaceae Mart. дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот**. Бори аввал гуногунии намудии таркиби оилаи лабгулҳои флораи қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор таҳлил ва муайян карда шуд. Дар натиҷаи таҳқиқот муайян карда шуд, ки дар минтақаи омӯзиш 33 авлод ва 74 намуди оилаи лабгулҳо мавҷуд аст. Аз ин миқдор 10 намуди растаниҳои оила эндемикӣ мебошанд ва 2 намудаш ба Китоби сурхи Тоҷикистон ворид шудааст. Бори аввал минтақаҳои паҳншавии лабгулҳо дар таркиби типҳои набототи ҳудуди

қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор муайян карда шуданд.Харитаҳо бо ҷойгиршавии намудҳои оила дар таркиби флораи Тоҷикистон тартиб дода шуданд. Дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор бори аввал фитосенология ва сохтори сенопопулятсияҳои баъзе намояндаҳои оила: *Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Origanum tyttanthum Gontsch, Nepeta catarica* L., *Salvia sclarea* L. омӯхта шуданд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои назариявии таҳқиқоти мазкурро ҳангоми омӯзиши оилаи лабгулҳои таркиби флораи Тоҷикистон метавон истифода бурд. Таҳлили хусусиятҳои фитосенологии *Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Origanum tyttanthum* Gontsch, *Nepeta catarica* L., *Salvia sclarea* L. ба мо имкон медиҳад, ки дар оянда онҳоро ҳамчун намудҳои нафъовар барои истифода дар соҳаи тиб тавсия диҳем. Маълумотҳои бадастомада оид ба ҳосилнокии захираҳо сенопопулятсияҳои намудҳои *Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Nepeta catarica* L., *Origanum tyttanthum* Gontsch, *Salvia sclarea* L. дар мавзеъҳои паҳншавии табиии онҳо нишон медиҳанд, ки ҳосилнокии табиии онҳо талаботи саноати фармокологии Тоҷикистонро танҳо 35% таъмин менамояд. Натиҷаҳои рисола оид ба тавсифи гуногунии биологии лабгулҳо барои дар мактабҳои олӣ дар тайёр кардани курсҳои лексиони ва гузаронидани дарсҳои амалӣ аз фаннҳои систематикаи растаниҳо, захирашиносӣ инчунин семинарҳои калон аз ихтисоси ботаника ва дендрология тавсия карда мешавад

**Саҳеҳияти** натиҷаҳои ба дастомада бо истифодабарии усулҳои гуногуни ҳозиразамон, дурустии таҳлил ва коркарди натиҷаҳо, истифодабарии мавод, аз ҷумла коллексия ва гербарияҳои ҷамъоваригардидашуда таъмин мегарданд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муҳаққиқ шахсан дар ҷустуҷӯ, таҳлили адабиёт, истифодаи усулҳои таҳқиқот, ба даст овардан ва коркарди ҳамаи маводҳои таҳқиқоти илмӣ, хулосабарорӣ ва таҳлили натиҷаи бадастоварда, навиштани диссертатсия саҳмгузор аст.

**Арзиши илмии кори унвонҷӯ** дар асоси ширкати ӯ дар як қатор анҷуманҳо, конфронсҳо ва семинарҳои илмии тахассусии дараҷаҳои гуногун собит мегардад.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудаанд.

Рисолаи номзадии Абдуғафури Сафар ба талаботи Низомномаи

намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267) ҷавобгӯ мебошад.

Таҳлили масоили ба омӯзиши равандҳои ботаникӣ имконият медиҳанд, ки рисолаи номзадии Абдуғафури Сафар дар мавзуи "Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника тавсия карда шавад.

Дар асоси таҳлил ва омӯзиши рисолаи номзадии Абдуғафури Сафар **Комиссия тавсия мекунад:**

1. Рисолаи номзадии Абдуғафури Сафар дар мавзуи "Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника дар шурои диссертатсионии 6Д.КОА-038 қабул карда шавад.
2. Барои омӯзиш ва баҳодиҳии рисола муқарризони расмӣ дар ҳайати:
   - Наврузшоев Довутшо - доктори илмҳои биологӣ, ходими калони илмии Институти биологии Помир ба номи академик Х.Ю. Юсуфбеков.
   - Қурбонов Абдуллоҷон Рузимадович - номзади илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи ботаникаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъин карда шаванд.
3. Ба сифати муассисаи муқарриз Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, интихоб карда шавад.

Раиси комиссияи ташхисӣ,
д.и.б., Бобоев М.Т.

Аъзоёни комиссия:
д.и.б., профессор Евдокимова Г.Н.

н.и.б., дотсент Мадаминов А.А.

Имзоҳоро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадр
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э. Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

3.04.24